**Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

# ТАҚРИЗИ

**мушовири илмӣ ба диссертатсияи Давлатзода Компрон Давлат дар мавзуи «Масъалаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва криминологии муқовимат бо киберҷиноятҳо: проблемаҳои назариявӣ ва амалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ**

Мавзуи диссертатсияи Давлатзода Компрон Давлат ба яке аз мушкилоти мубрами назария ва амалияи ҳуқуқи ҷиноятӣ бахшида шудааст. Муаллиф мавзуро дар сатҳи баланди илмӣ таҳлил намудааст, ки натиҷаҳои бадастовардааш барои рушд ва такмили қонунгузории соҳа ва низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷмуъ хеле судманд мебошанд. Таҳқиқоти мазкур имкон додааст, ки як қатор муқарраррот, таклифу тавсияҳои нав ҷиҳати мукаммалгардонии минбаъдаи қонунгузорӣ дар самти муқовимат бо киберҷиноятҳо тавсия шаванд. Ҳамзамон дар рисола мафҳумҳои нави илмӣ низ пешниҳод гардидааст.

Аҳамияти рисолаи мазкур барои кишвари мо дар омилҳои зерин инъикос меёбад:

-дар фаъолияти меъёрсозӣ: дар таҳияи лоиҳаи санадҳои қонунгузорӣ оид ба таъмини амнияти иттилооти аз ҳамлаҳои киберӣ ва муқовимат бо киберҷиноятҳо;

- ҳангоми таҳияи лоиҳаҳои қарорҳои Пленуми Суди Олӣ, санадҳои зерқонунии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- дар амалияи татбиқи ҳуқуқии мақомоти судӣ ва воҳидҳои оперативию тафтишотии мақомоти корҳои дохилӣ;

- дар фаъолияти илмии донишгоҳҳои равияи илмҳои ҳуқуқшиносӣ, пажӯҳишгоҳҳои илмӣ-таҳқиқотии дахлдор;

- дар раванди таълим: ҳангоми таълими дарсҳои Қисми махсуси ҳуқуқи ҷиноятӣ ва дигар дастурҳои таълимию методӣ.

Мақсади таҳқиқоти диссертсионӣ омӯзиши масъалаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятии киберҷиноятҳо, паҳлӯҳои криминологии он, таҳияи асосҳои назариявӣ ва амалии муқовимат бо киберҷиноятҳо ифода мегардад.

Бояд қайд намуд, ки барои ноил шудан ба мақсади гузошташуда муҳаққиқ вазифаҳои зеринро дар назди худ гузоштааст:

– омӯхтан ва муайян кардани таҳаввулоти вирусҳои компютерӣ ҳамчун омили асосии ташаккули киберҷиноятҳо;

– таҳлил ва пешниҳоди мафҳуми киберҷиноятҳо;

– муайян намудани номгуи киберҷиноятҳо ва асосҳои таснифи онҳо;

– тартиби ба роҳ мондани ҳамкории байналмилалӣ дар муқовимат бо киберҷиноятҳо;

– таҳқиқ ва таҳлили ҷавобгарӣ барои киберҷиноятҳо тибқи қонунгузории ҷиноятии кишварҳои хориҷӣ ва давлатҳои пасошӯравӣ;

– омӯзиши фарқияти ҷавобгарии ҷиноятӣ барои киберҷиноятҳо тибқи қонунгузории ҷиноятии кишварҳои хориҷӣ;

– таҳлили илмӣ-амалии аломатҳои объективии ҷиноятҳо ба муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо (барномаҳои зараровар, ҳамлаҳои DoS);

– баррасӣ ва муайян кардани аломатҳои субъективии ҷиноятҳо ба муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо;

– омӯзиш, баррасӣ ва муайян кардани аломатҳои объективии ҷиноятҳое, ки бо истифода аз воситаҳои гуногуни техникӣ содир мешаванд (мактуби фишингӣ, кибертаъқиб, дуздии онлайнии маълумоти шахсӣ);

– таҳлили таҷрибаи ҳуқуқии аломатҳои субъективии ҷиноятҳое, ки бо истифода аз воситаҳои гуногуни техникӣ содир мешаванд;

– таҳлили ҳолат, сохтор ва пастуболоравии (динамикаи) киберҷиноятҳо;

– баррасии хусусиятҳои криминологии шахсияти киберҷинояткор;

– таҳлил, огоҳонидан ва пешгирии киберҷинояткорӣ.

Навгонии илмии диссертатсия бо нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, собит мегардад. Ин нуктаҳои илмӣ дар заминаи натиҷаҳои илмии зерин пешниҳод мешаванд.

Навгонии илмии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки таҳқиқоти мазкур аввалин таҳқиқоти диссертатсионии ватанӣ дар самти масъалаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва криминологии муқовимат бо киберҷиноятҳо мебошад. Ғайр аз ин, пештар дар сатҳи таҳқиқоти монографӣ ва диссертатсионӣ, масъалаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва криминологии муқовимат бо киберҷиноятҳо батафсил таҳлил нагардида буданд.

Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи коркарди илмии он нишон дода шудааст.

Дар боби якуми диссертатсия «Проблемаҳои назариявии муқовимат бо киберҷиноятҳо» масалаҳои таҳаввулоти вирусҳои компютерӣ ҳамчун омили асосии ташаккули киберҷиноятҳо, мафҳуми киберҷиноятҳо ва таснифи киберчиноятҳо мавриди омӯзиш ва таҳқиқоти илмӣ қарор гирифтааст. Диссертант зикр менамояд, ки дар ҷаҳони муосир масъалаҳои таъмини амнияти иттилоотӣ аз ҳамлаҳои киберӣ, аз чумла тавассути қонунгузории ҷиноятӣ ба танзим даровардани ин самти хаётан муҳим, аз масъалаҳои мубрам ба ҳисоб меравад.

Диссертант иброз менамояд, ки дар адабиётҳои илмӣ истилоҳи «киберҷиноятҳо» ҳоло дар баробари истилоҳи «ҷиноятҳои компютерӣ» истифода мешавад ва аксар вақт ин мафҳумҳо ҳамчун синоним истифода мешаванд. Аммо таҳқиқотҳои дар ин самт анҷомдодашуда, омӯзиши

қонунгузории ҷиноятии давлатҳои пасошӯравӣ ва кишварҳои хориҷӣ дар ин самт маълум менамояд, ки ин истилоҳот синоними «киберҷиноятҳо» ифода намегардад. Дар воқеъ, мафҳуми «киберҷиноятҳо», нисбатан васеъ буда, ҳам бо истифодаи компютерҳо ва ҳам бо истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (минбаъд ТИК) ва шабакаи ҷаҳонии Интернет содир мешаванд. Муаллиф қайд менамояд, ки барои таърифи мукаммали ин мафҳуми ҳуқуқӣ дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ корбурди ҷузъи калимаи «кибер», бамаврид аст. Истилоҳи "ҷиноятҳои компютерӣ" вобаста ба мазмуну моҳияти худ фарогирии тамоми ҷиноятҳои ин соҳа буда наметавонад. Мафҳуми «киберҷиноят» (англисӣ – cybercrime) нисбат ба мафҳуми «ҷиноятҳои компютерӣ» хеле васеътар аст, зеро он метавонад дар фазои иттилоотӣ ва ТИК моҳияти ҷиноятро хеле дақиқ ва пурратар муайян кунад.

Боби дуюми таҳқиқоти диссертатсионӣ–«Масъалаҳои ҳуқуқӣ–ҷиноятии муқовимат бо киберҷиноятҳо дар сатҳи байналмилалӣ»-ро фаро гирифта, масъалаҳои ҳамкории байналмилалӣ дар муқовимат бо киберҷиноятҳо, ҷавобгарӣ барои киберҷиноятҳо тибқи қонунгузории ҷиноятии кишварҳои хориҷӣ ва давлатҳои пасошӯравӣ ва тафриқагузории ҷавобгарии ҷиноятӣ барои киберҷиноятҳо тибқи қонунгузории ҷиноятии кишварҳои хориҷӣ мавриди таҳқиқи илмӣ қарор гирифтааст. Муаллиф таъкид менамояд, ки солҳои охир заминаи меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳамкории давлатҳо дар самти муқовимат бо киберҷиноятҳо дар сатҳи байналмилалӣ, байниҳукуматӣ ва байниидоравӣ, фаъолона инкишоф меёбад.

Бори аввал дар сатҳи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ исбот карда шудааст, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ дар самти киберҷиноятҳо дар низоми ҳуқуқи ҷиноятии кишварҳои пасошӯравӣ шакли ягонаро доро набуда, муқовимат бо киберҷиноятҳо ва доираи амалҳои ғайриқонунӣ дар самти киберҷиноятҳоро дар бар намегиранд. Дар алоқамандӣ бо

тафриқагузории ҷавобгарӣ барои киберҷиноятҳо тибқи қонунгузории ҷиноятии кишварҳои хориҷӣ, вобаста ба тарзи содиршавии киберҷиноятҳо, давлатҳо ба 2 гурӯҳ тақсим карда шудааст.

Боби сеюм «Тавсифи ҳуқуқӣ-ҷиноятии ҷиноятҳо ба муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо» аз се зербоб иборат аст. Зербоби якуми боби сеюм «Объекти ҷиноятҳо ба муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо (барномаҳои зараровар, ҳамлаҳои DoS)» номгузорӣ шуда, дар он аз нигоҳи илмӣ ҳуқуқи ҷиноятӣ таҳлили объекти ҷиноят ба роҳ монда шудааст. Зербоби дуюми боби сеюм «Тарафи объективии ҷиноятҳо ба муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо» ном дошта, дар он аломатҳои тарафи объективии ҷиноятҳо ба муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Муаллиф қайд мекунад, ки муқаррар намудани аломатҳои тарафи объективии ин ҷиноятҳо барои бандубасти кирдорҳои мазкур ва минбаъд ба ҷавобгарӣ кашидани шахси онро содиркарда аҳаммияти муҳим дорад.

Дар зербоби сеюми боби сеюм «Аломатҳои субъективии ҷиноятҳо ба муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо» мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор гирифтааст. Муаллиф қайд мекунад, ки ҷиноят ҳамчун кирдори барои ҷамъият хавфнок дар натиҷаи бо ҳам мавҷуд будани ҳамаи аломатҳои таркибии ҷиноят нишонаҳои объективӣ ва субъективӣ содир мешавад. Умумияти ин нишонаҳо дар он ифода мегарданд, ки онҳо воқеияти ҷиноятро ба таври гуногун баҳо медиҳанд.

Боби чорум «Тавсифи ҳуқуқии ҷиноятии ҷиноятҳои бо истифода аз воситаҳои гуногуни техникӣ содиршаванда» ба ҳалли проблемаҳои «Объекти ҷиноятҳое, ки бо истифода аз воситаҳои гуногуни техникӣ содир мешаванд (мактуби фишингӣ, кибертаъқиб, дуздии онлайнии маълумоти шахсӣ)» тарафи объективии ҷиноятҳое, ки бо истифода аз воситаҳои гуногуни техникӣ содир мешаванд; аломатҳои субъективии

ҷиноятҳое, ки бо истифода аз воситаҳои гуногуни техникӣ содир мешаванд, бахшида шудааст.

Дар боби панҷуми таҳқиқоти диссертатсионӣ–«Таҳқиқи криминологии киберҷиноятҳо» ҳолат, сохтор ва пастуболоравии (динамикаи) киберҷиноятҳо бо хусусиятҳои назаррас ба риштаи таҳлил кашида шудааст. Масъалаи хусусиятҳои криминологии шахсияти киберҷинояткор мавриди таҳқиқ қарор гирифта, диссертант иброз менамояд, ки пешгирии бомуваффақияти ҷиноятҳо танҳо дар он ҳолат имконпазир аст, ки ба шахсияти ҷинояткор диққати махсус дода мешавад, бинобар ин, дар рисолаи илмӣ ба гурӯҳҳо тасниф намудани ҷиноят вобаста ба амалҳои ҷинояткор, ки тавассути ТИК амалӣ мешавад, муҳим ба шумор меравад. Масъалаи таҳлил, огоҳонидан ва пешгирии киберҷинояткорӣ мавриди таҳқиқи илмӣ қарор гирифта муаллиф зикр менамояд, ки дар шароити муосир на танҳо ТИК, балки соҳаи киберҷинояткорӣ низ босуръат рушд мекунанд. Таҳдидҳо ба захираҳои иттилоотӣ пайваста афзоиш ва инкишоф меёбанд. Аз ин рӯ, самти асосии фаъолият дар муқовимат бо киберҷиноятҳо ба андешидани тадбирҳои ташкилию техникӣ асос меёбад.

Дар асоси ҷамъбасти таҳлилу таҳқиқи илмӣ оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва криминологии муқовимат бо киберҷиноятҳо: проблемаҳои назариявӣ ва амалӣ дар таҳқиқоти диссертатсионӣ, муаллиф ба хулосаи ниҳоӣ омада, дар рисола пешниҳодҳои судманд оварда шудааст.

Мавзуи диссертатсия ва мундариҷаи он дуруст ва ба мақсади рисола мувофиқ мебошанд. Хулосаҳои илмию тавсияҳои дар диссертатсия овардашуда қобили қабуланд. Адабиёти дар диссертатсия истифодашуда дуруст мебошанд. Диссертант аз натиҷаи таҳқиқот хулосаҳои назарӣ бароварда, барои амалӣ кардани онҳо маслиҳатҳои муфид манзур гардонидааст.

Хулосаҳо ва пешниҳодоти таҳқиқот ба воситаи заминаҳои назариявию методологии диссертатсия асоснок гардидаанд. Пеш аз ҳама,

эътимоднокии натичаҳои таҳқиқот ба воситаи мухолифат надоштани онҳо бо илмҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминологияи мавҷуда ва мувофиқати методҳои илмии истифодашуда бо соҳаи илми криминалогия ва ҳуқуқи ҷиноятӣ ифода меёбад.

Бояд иброз намуд, ки вобаста ба масъалаи таҳқиқшаванда довталаб дар чандин чорабиниҳои илмию амалии сатҳи гуногун баромад намуда, ҷиҳати такмили донишҳои назариявӣ ва баланд бардоштани малакаи касбии кормандони мақомоти прокуратура дар шаҳри Душанбе, вилоятҳои Суғду Хатлон дар бораи натиҷаҳои таҳқиқот маълумот дода, хулосаҳои ҳуқуқии зарурӣ ва мушкилоту камбудиҳои ҷойдошта аз рӯи таҷрибаи тафтишотӣ-судӣ, истифодаи воситаҳои техникаи муосир, масъалаҳои ҳуқуқӣ-чиноятӣ ва криминологии муқовимат бо киберҷиноятҳо, тартиб ва тарзу усули баамалбарории тафтишии ин намуди ҷиноятҳоро пешниҳод намудааст.

Аз рӯйи мазмуну муҳтавои диссертатсия аз ҷониби муаллиф ду монография, як васоити таълимӣ ва 28 мақолаҳои илмӣ нашр карда шудаанд, ки 20 он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд.

Онҳо сатҳи кофии навгонии илмӣ дошта, аз саҳми муаллиф дар масъалаҳои асосии ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология дар Ҷумҳурии Тоҷикистон далолат менамояд. Бар замми ин, дар бобҳо ва зербобҳои диссертатсия ақидаҳо ва хулосаҳои муаллиф пешниход карда мешаванд.

Андешаҳои боло навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсиониро тасдиқ намуда, саҳми шахсии муаллифро дар таҳияи диссертатсия нишон медиҳад. Нуқтаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади амалӣ ва назариявӣ мустаҳкам карда шудаанд. Муҳаққиқ қобилияти фаъолияти мустақилонаи илмӣ-эҷодӣ, таҳлили ҳаматарафа ва нуқтаҳои назари илмӣ, асоснок намудани ақида ва мавқеи хешро дорад.

Ҳамаи ин имкон додааст, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳаматарафа ва пурра анҷом дода шавад. Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, диссертатсияи Давлатзода Комрон Давлат дар мавзуи «Масъалаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва криминологии муқовимат бо киберҷиноятҳо: проблемаҳои назариявӣ ва амалӣ» ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ тавсия карда мешавад.

Мушовири илмӣ: доктори илмҳои
ҳуқуқшиноси, профессор, мудири кафедраи
криминалистика ва фаъолияти
экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Назаров А.Қ.

Имзои А.Қ. Назаровро тасдиқ менамоям:
Сардори РК ва КМ ДМТ Тавқиев Э.Ш.

«03» январи с. 2024

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17
Телефон.: (+992) 907967476; 221-62-25; 227 -15-10
Факс: (+992-37) 227-15-10
Email: info@tnu.tj